Ба Шурои диссертатсионии 6D - КОА-029-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17)

## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Зокиров Сухроб Ибодович дар мавзӯи «Накши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09 .00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ.**

Дар баробари мушкилиҳои сиёсию иқтисодие, ки ҷаҳони имрӯз аз сар мегузаронад мо шоҳиди ҳарчи бештар ба чашм расидани зиддиятҳои хусусияти маънавӣ дошта дар муносибати ҷомеаҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва одамон мешавем. Ин пеш аз ҳама дар талоши инкори баъзе арзишҳои миллӣ аз ҷониби тарафдорони ҳаракатҳои ҷаҳонишавӣ, афзалиятдиҳии анъанаҳои мафкуравии номуносиб ба рушди давлатдориҳои миллӣ ва ғайра зоҳир мегардад. Бо назардошти он ки арзишҳои маънавии ҳар як ҷомеа такягоҳи муҳим барои рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба шумор меравaнд, аз ин рӯ инсоният зимни ҷустуҷуи роҳи ҳали мушкилоти сиёсию иқтисодии дар пешистода аксар маврид бо буҳрони ҳамоҳангсозии ҳадафҳои сохторҳои идоракунанда ва самтгирии тамоюлоти арзишии ҷомеа дучор мегарданд. Бинобар ин маҳз дар ҳамин гуна вазъу шароит таваҷҷӯҳ ба дарки мақому манзалати арзишҳои маънавӣ дар таъмини рушду суботи ҷомеа меафзояд ва бештар мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор мегирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бар асари мавқеи ҷойгиршавияш дар минтақаи хеле ҳассосу дорои фарҳанги қадимӣ, имрӯзҳо аз таъсири чунин омилҳо холӣ нест ва пайваста кӯшиши ба харҷ медиҳад, ки падидаҳои фарҳанги маънавиро ба сифати заминаи ташаккулдиҳандаю муаррификунандаи ҳувияти миллӣ устувор нигоҳ дорад. Яке аз заминаҳои муҳим дар ин самт таҳқиқи масъалаи мазкур аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки метавонад на танҳо манзараи зуҳури падидаҳои марбут ба вазъи арзишҳои маънавии ҷомеаро нишон диҳад, балки барои идоракунии мақсадноки ин равандҳо низ мусоидат намояд. Аз ин ҷиҳат рисолаи илмии Зокиров Сухроб Ибодович дар мавзӯи «Накши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» бе ҳеҷ шакку шубҳа яке аз масъалаҳои доғи рӯзи на фақат ҷомеаи тоҷик, балки кулли инсоният аст.

Чуноне ки аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, муаллиф таҳлил ва баррасии нақши арзишҳои маънавиро дар танзими равандҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба сифати мақсади асосии худ интихоб намудааст. Рисолаи илмии Зокиров Сухроб Ибодович дар мавзӯи «Накши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» таълиф гардидааст, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ дар он низ ифода меёбад, ки арзишҳои маънавии ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои калидии ҷомеа ба шумор меравconfigured. Чунки вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии замони муосир дар худ масъала ва равандҳои гуногунро касб намудааст, ки онҳо аз бухронҳои гуногун, афзоиши падидаҳои номатлуби тундгароиву ифротгароӣ,

рақобатҳои фарҳангӣ ва ғайра иборат мебошанд. Дар ин замина, ҳаёти ҷомеаро хатарҳои номатлуб ва ғайричашмдошт таҳдид мекунанд. Маҳз аз ин нуқтаи назар, муаллиф арзишҳои маънавиро дар қаринаи дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст, ки хело ҳам муҳим мебошад.

Мубрамият ва қиммати назариявию амалии диссертатсияи Зокиров С.И. пеш аз ҳама дар он аст, ки вазъи буҳронии арзишҳои маънавиро дар шароити дигаргуниҳои амиқи фарҳангӣ ва нақши онҳоро дар таъмини назму суботи ҷомеаи тоҷик мавриди таҳқиқи дастаҷамъонаи илмӣ қарор додааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни истифодаи асарҳои зиёди илмию таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ кӯшиш кардааст, ки роҳҳои мушаххаси аз буҳрони маънавӣ баромадани ҷомеа, чораҳои муассири ташаккули шахсиятҳои аз ҷиҳати маънавӣ баркамол ва мавқеи муносиб дар муҳити иҷтимоии ҳаёт доштаро мавриди таҳлилу барасӣ қарор диҳад.

Интихоби дастгоҳи дурусти методологӣ, аз ҷумла такя ба методҳои таҳқиқи муқоисавӣ, мантиқию таърихӣ ба муаллиф имкон додааст, ки вазъи имрӯзаи маънавиёти ҷомеаи тоҷик, мушкилот ва дастовардҳои он, ҷойгоҳи арзишҳои маънавиро дар кори баамалбарории дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъмини устувории нисбии муносибатҳои байни қишрҳои гуногуни ҷомеаро ошкор созад.

Дар пояи ҳадафи гузошташуда муаллиф кӯшидааст, ки як силсила вазифаҳои ҷиддии таҳқиқотӣ аз қабили рӯшани андохтан ба паҳлуҳои назариявии мафҳуми “арзиши маънавӣ”, хусусияти интиқоли онҳо аз насл ба насл, асоснок намудани роҳу воситаҳои таъсири арзишҳои маънавӣ ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, сабабҳои аз ҷониби бархе аз гуруҳҳою умумиятҳои иҷтимоӣ риоя нашудани арзишҳои маънавӣ ва ғайраро ба анҷом расонад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, муаллифи диссертатсия омӯзиши масъаларо аз ду дидгоҳ асоснок намудааст: арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ метавонанд ба устувории нисбии равобиту муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи воқеӣ муҳаё кунанд; дуюм, арзишҳои маънавии ҳаёти ҷомеа имконияти ташаккули фазои азнавсозиҳои ҷамъиятиро фароҳам меоранд.

Бояд қайд кард, ки дар кори диссертатсионӣ, масъалаи баррасишаванда аз лиҳози назариявӣ дар асоси таҳқиқотҳо ва асарҳои олимон ва файласуфони аврупоӣ, рус ва ватанӣ омӯхта шудааст. Маҳз истифодаи дурусти ин сарчашмаҳои илмӣ, пояи асосии ин таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Диссертант бори аввал замина ва омилҳои риоя намудани бархе аз арзишҳои маънавиро дар рафтору муносибатҳои иҷтимоӣ ва фардии онҳо таҳлил намуда, хусусияти раванди истеҳсол, ташаккул ва азхудкунии арзишҳои маънавиро аз ҷониби аҳли ҷомеа мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода, дуруст таъкид кардааст, ки арзишҳои маънавии ҷомеаҳои рушдёфтаро дар шуури мардуми мамолики дар ҳоли рушд қарордошта ҷой кардан мушкил нест ва бунёди ҷомеаи маънавӣ дар сурате имконпазир аст, ки агар мувозинати дурусти се омил – фарҳанги маънавӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва қудрати сиёсӣ таъмин карда шавад (саҳ. 36).

Омӯзиши бобҳои алоҳидаи диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот иҷро гардидааст. Муаллиф дар асоси ҳадафи асосии таҳқиқот, ки таҳлил ва баррасии арзишҳои маънавӣ дар равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, мавзӯъро пурра кушодааст. Ҳамзамон муаллиф зимни вазифаҳи таҳқиқот, ки таҳлили хусусиятҳои асосии интиқол ё паҳншавии арзишҳои маънавӣ дар фазои ҷамъиятӣ, муайян намудани роҳҳо ва усулҳои таъсири арзишҳои маънавӣ ба тамоюлоти рушди

ҷомеа,баррасии меъёру ченакҳои арзёбии сатҳи риояи арзишҳои маънавӣ дар муносибату рафтори иҷтимоии аъзои ҷомеа ва ғайра то андозае муваффақ гардидааст.

Довталаб накши ниҳодии идеология (мафкура) ва таҳсилот (маориф) – ро дар кори азхудкунии арзишҳои маънавӣ ва аҳамияти ҷойгоҳи сармояи инсонро дар ташаккул ва рушди арзишҳои маънавии ҷомеа ва камолоти маънавии аъзоёни ин бо далелҳои мантиқаи боварибахш асоснок кардааст. Кӯшиши муаллиф ҷиҳати асоснок кардани умумият ва фарқияти мафҳумҳои "сармояи инсонӣ" "сармояи иҷитимоӣ" ва "сармояи истеҳсолӣ" инчунин дақиқу аниқ кардани методика ва ченакҳои ҳисобу китоб кардани онҳо боиси шубҳа буда наметавонанд.

Қобили зикр аст, ки пешниҳодҳои муаллиф мушкилоти мавҷудаи марҳилаи имрӯзаи ҷомеаро ба хубӣ инъикос менамяонд ва тавсияҳои ӯ ҷиҳати таъмини суботу иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар, баланд бардоштани ҷойгоҳи ҷомеа оила ва маориф дар тарбияи маънавии насли наврас, эҷод ва роҳандозӣ кардани қонуну қоидаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии рушди маънавии ҳаёти ҷомеа саҳми арзишманди муаллиф дар фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Хулоса дар бораи он ки ягонаи роҳи халосӣ аз осебҳои иҷтимоию фарҳангӣ, каҷравиҳо ва ташаккули шахсияти комил ин боло бурдани маънавиёти аҳли ҷомеа, сифтаҳои маънавию ахлоқии онҳо, алалхусус тарбияву худтарбиякунӣ ва худшиносию ҷомеапазирии шахс мебошад, шоистаи омӯзиш ва истифода дар фаъолияти ниҳодҳои дахлдори расмӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ хеле ҳам хуб аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошта баромадааст. Диссертатсия, бешубҳа, таҳқиқоти мустақил ва бaанҷомрасидаи илмӣ буда, дар сатҳи хуби идеявию назариявӣ навишта шудааст. Дар диссертатсия як қатор нуктаҳо ва тавсияҳою хулосаҳое ҷой доранд, ки онҳоро ҳамчун саҳми шахсии

муаллиф дар рушди назарияи арзишҳои маънавӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Андешаҳои муаллиф бо сарчашмаю таҳқиқотҳои муътабари илмӣ, таҳлил ва хулосабориҳо асос ёфтааст.

Автореферат ва мақолаҳои интишорнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатасиро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки бо вуҷуди сифатҳои мусбие, ки оиди онҳо сухан рафт, диссертатсия аз як қатор камбудиҳо орӣ нест:

1. Дар рисола муаллиф зимни зимни нишон додани ҷанбаҳои манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ ба зарурияти таҳлили масъалаи зуҳури ҷараёнҳои зиддиглобалистӣ дар олами имрӯза камтар аҳамият додааст. Агар ин масъала низ таҳлили бештар меёфт аҳамияти рисоларо боз ҳам бештар меафзуд.
2. Маълум аст, ки нақши муносибатҳои миллӣ дар танзими арзишҳои маънавии ҷомеа хеле муҳим аст ва инро муаллиф каме дар мавриди таҳлили арзишҳои маънавии алоқоманд ба ваҳдат дида баромадааст. Таҳлили васеътари ин масъала дар мисоли беҳтаршавии муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои охир муҳим аст.
3. Дар матни диссертатсия баъзан калимаҳою ибораҳои душворфаҳм истифода шудааст, ки минбаъд истифодаи муродифу тарҷумаашонро ба кор бурдан беҳтар аст.

Новобаста аз эродҳои зикршуда мехоҳам таъкид намоям, ки камбудиҳои мазкур аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшударо кам намекунад. Зеро ки довталаби дараҷаи илмӣ ба он мақсаде, ки дар кори таҳқиқотии худ гузоштааст, ноил шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зокиров С.И. дар мавзуи “Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири

Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертаатсияҳои номзади ва бандҳои 31-33 Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Репина,
хонаи 21. Тел.: (+992) 928250204
Почтаи эл.:fzopah@ mail.ru Ҳомидзода А.

Имзои профессори ДДХ
А. Ҳомидзодаро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров Наврӯзов Э.